# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи "Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих – (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисоси илмие, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсия дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисос пешниҳод шудааст, ба талаботи шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих – (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити амалисозии ҳадафи стратегии баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минтақаи транзитӣ, рушду нумуи соҳаи роҳсозӣ барои нақлиётҳои боркаш ва мусофиркаш, сурат гирифтани сохтмони роҳҳои автомобилгарди дорои аҳаммияти маҳаллидошта дар вилоятҳо ва минтақаҳои мамлакат, омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили бурду бохт дар раванди бунёди хоҷагии роҳсозӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар аҳаммияти муайяни илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ дорад.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобгардидаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос Қосимзода Лутфия Шералӣ саривақтӣ буда, дорои мубрамияти илмӣ дорад. Дисертант мақсад ва мароми таҳқиқоти худро аз лиҳози илми таърих дуруст муайян намудааст, нақшаи рисола масоили мубрами мавзуъро инъикос намуда ва дорои мантиқи илмӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.** Доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос бори нахуст кӯшиши таҳқиқи таърихи таъмир ва сохтмони роҳҳоро ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои

ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар рафти таҳқиқот комёбиҳои оид ба таърихи ташаккули хоҷагии роҳҳои минтақа ва мушкилоти ҷойдошта дар ҳар давру замон омӯхта шуда, аҳаммияти онҳо барои ҷомеа аз нуқтаи назари таърихӣ баҳогузорӣ гардид. Дар таҳқиқот бори аввал дар мисоли минтақаи Қӯрғонтеппа таъмиру сохтмони роҳҳои алоқаи байни ноҳияҳо рӯйи кор оварда шуд. Дар навбати худ дар рисола сабабҳо ва оқибатҳои кори таъмиру сохтмони роҳҳо дар замони шуравӣ таҳлил гардида, саҳми ин сохтор дар рушду нумӯъ ва босифат гардидани роҳҳо дар замони муосир оварда шудааст.

**Нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таъсисёбии аввалин хоҷагиҳои роҳсозӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа бевосита бо барпошавии ҳокимияти шуравӣ алоқаманд буда, таърихи он аз соли 1924 оғоз гардид. Вазифаи асосии сохтори роҳсозӣ бо бартараф намудани бероҳӣ ва таъмири роҳҳои мавҷуда ба ҳисоб мерафт, ки барои аҳолии минтақа таҳаввулоте ба бор овард. Дар солҳои 20-30-юми асри XX вазъи роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа нигаронкунанда буда, мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро ба миён овард. Дар ин давра роҳсозону аҳолии минтақа тамоми қувваро барои бартараф кардани бероҳӣ сафарбар намуданд. Дар солҳои баъдиҷангии 50-60-уми асри XX соҳаи роҳсозони вилояти Қӯрғонтеппа аз ҳисоби мутахассисони нав пурра гардид. Аз ҳамин лиҳоз, сиёсати ҳукумати ҶШС Тоҷикистон дар давраи минбаъдаи солҳои 1970-1990 ба муосиркунонии хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав равона гардида буд. Бо мақсади таъмини хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав бо мутахассисони маҳаллӣ ва омода кардани мутахассисони соҳа масъалаи тайёр намудани мутахасисҳо дар омӯзишгоҳҳо, техникумҳо ва мактабҳои олии Тоҷикистон (Донишкадаи политехникӣ) ба миён гузошта шуд. Дар ин давра бори аввал мутахассисони маҳаллӣ техникуму донишкадаҳоро хатм намуда, шумораи кадрҳои маҳаллии роҳсозонро зиёд намуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Баёни мавод, шарҳу тавзеҳи он, навгонӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешкашшуда, хулосаҳои илмӣ, нашри мақолаҳо ва ироаи маърузаҳои илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, тавсияҳои ҷанбаи амалидошта, мустақиман аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 зербоб хулоса, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (169) иборат аст. Рисолаи диссертатсионӣ дар ҳаҷми 170 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия ва пешниҳод шуда, мундариҷа ва сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқат менамояд.

Дар **муқаддимаи** рисола мубрамияти илмӣ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объекти таҳқиқот, асоси методологии рисола, навгонии илмии он, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва саҳми шахсии довталаб дар таҳияи рисола амиқ, асоснок ва боэътимод муайян гардида аст. Пеш аз ҳама базаи васеъ ва боэътимоди сарчашмавии таҳқиқот ба назар мерасанд. Доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос меҳнати самарабахшро баҳри ҷамъоварии маводҳои бойгонӣ, воситаҳои ахбори омма, маҷмуъҳои оморӣ ва хотираҳои шоҳидони таърихи роҳсозии минтақи Қӯрғонтеппаро ба сомон расонида, дар сатҳи муайяни илмӣ-назариявӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Аз шиносоии рисола бармеояд, ки муаллиф дорои қобилияти анҷом додани пажуҳиши илмии масоили мубрами таърихиро доро мебошад.

Боби якуми диссертатсия **«Хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 20 - 40 –уми асри XX»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масъалаҳои ташкил намудани заминаҳо барои таъмиру сохтмони роҳҳои минтақа ва муайяну муҳайё намудани шароитҳо барои сохтмони роҳҳои наклиётгард дар ноҳияҳои ҷанубии кишвар мавриди таҳлили илмӣ инъикос ёфтаанд.

Зербоби аввали боби якум **«Таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар минтақа (с. 1920-1929)»** ном дошта, дар он зикр мегардад, ки таърихи сохтмони роҳҳо дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон якчанд марҳила дошт. Марҳилаи аввали сохтмони роҳҳо солҳои 1924-1929 буд. Дар ин марҳила асосан сохтмони роҳҳои хокӣ дар самтҳои асосӣ ва таҷдиди роҳҳои боркаш барои нақлиёти чархдор хос буд. Соли 1926 роҳи Саройкамар-Қӯрғонтеппа барои нақлиёти автомобилӣ таъмир ва омода карда шуд. Дар асоси нақшаиояндаи сохтмони роҳҳо дар солҳои 1926-1931 аз тарафи кумитаи инқилобӣ 380311 рубл ҷудо карда шуд.

Дар рисола омадааст, ки бунёди роҳҳо дар ин давра асосан дар манотиқи ҷануби ҷумҳурӣ, яъне Қӯрғонтеппа суръати баланд дошт. Дар зербоб таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа мавриди таҳқиқот қарор гирифта шудааст. Муайян гардидаст, ки нахустин кӯпрук дар мавзеи Пули Сангини болои дарёи Вахш дар қаламрави ш. Норак сохта шуда буд. Қайд гардидааст, ки сохтмони роҳҳо ва пулҳо дар шароити ниҳоят вазнин ба амал меомад, яъне сохтмончиён гоҳе бо асбобҳои сохтмонӣ ва гоҳе бо яроқу аслиҳа сару кор мегирифтанд. Ба душвориҳо нигоҳ накарда нақшаҳои давлатии сохтмони роҳу пулҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои 20-уми асри XX бо сифати баланд ба анҷом расид.

Зербоби дуюми боби якум **«Шароитҳои сохтмони роҳ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ (с.1930-1939)»** ном дошта, фаъолияти яке аз аввалин хоҷагии роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 20-30-юми асри XX мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Дар рисола қайд гардидааст, ки соҳаи роҳсозӣ тахассуси баландро тақозо мекунад. Соли 1932 дар Тоҷикистон техникуми ҷумҳуриявии роҳҳо таъсис дода шуд. Соли 1937 ин техникумро 247 нафар толибилмон хатм намуданд. Аз ин теъдод, 27 нафар устои роҳсоз, 25 нафар ёрдамчии усто, 32 нафар сардори шуъба, 165 нафар ронанда буданд. Дар соли 1934 дар техникум 150 донишҷӯ таҳсил мекарданд, аз онҳо 140 нафар тоҷикон дар

назди техникум дар курсҳои ронандагӣ таҳсил мекарданд. Бригадаҳои доимии сохтмони роҳҳо дар ноҳияҳои Шаҳритӯс, Кӯлоб, Орджоникидзеобод ва Ёвон ташкил карда шуданд.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳолати роҳҳо ба кори як қатор соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ вобастагии калон дошт. Соли 1930 дар вилояти Қӯрғонтеппа шабакаи роҳҳои автомобилгард ҳанӯз ҳам ҳар сол гардиши борро ба пуррагӣ таъмин намекард. Соли 1930 ноҳияҳои дурдасти минтақаи Қӯрғонтеппа, на роҳи автомобилгард доштанду на роҳи аробагард. Соли 1933 сохтмони роҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа - Ҷиликӯл, Панҷ – Кировобод - Фархор, Кӯлоб – Данғара – Норак - Орджоникидзеобод оғоз ёфт.

Солҳои 30-юми қарни XX барои ҶШС Тоҷикистон солҳои бунёдӣ ва асосӣ маҳсуб меёбанд, чунки дар давра ва тақсимбандиҳои маъмурии аҳди амирӣ барҳам дода шуда, ба ҷойи онҳо ноҳияҳо ва шуроҳои деҳот таъсис дода шуданд. Ба ҳамаи мушкилотҳои пешомада ҳангоми сохтмони роҳу пулҳо нигоҳ накарда, ҳукумати кишвар ва аҳолии он аз уҳдаи иҷроиши нақшаҳои давлатӣ ба хубӣ баромаданд, яъне барои анҷоми ин сохтмонҳо шароит муҳайё карда, сохтмонро ба итмом расониданд.

Зербоби сеюми боби якум **«Ташаккули ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 40-уми асри XX»** ном дошта, дар он масъалаҳои рушди сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои чилуми асри XX мавриди таҳқиқот қарор мегирад. Дар рисола омадааст, ки дар соли 1941 корҳоро оид ба такмили роҳи автомобилгарди Сталинобод- Ваҳдат-Норак-Кӯлоб-Ҷиликӯл анҷом доданд. Соли 1940 сохтмони роҳҳои автомобилгарди Душанбе-Қӯрғонтеппа ва Саройкамар-Фархор ба анҷом расид. Аммо на ҳамаи нақшаҳои роҳсозӣ сари вақт иҷро гардидаанд.

Баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ИҶШС дигаргуниҳои азими иқтисодӣ ба амал омада, иҷрои барномаи барқарорсозии вазъи баъдиҷангии мамлакат ва тараққӣ ёфтани хоҷагии халқ оғоз гардид. Ҳамин буд, ки нақшаи панҷсолаи чорум (с. 1946-1950) аз тарафи иҷлосияи Шурои Олии ИҶШС

тасдиқ гардид, ки дар он масъалаҳои рушди иқтисодиёти кишвар баррасӣ мегардид. Яке аз вазифаҳои ин панҷсола пеш аз ҳама барқарору таъмир намудани роҳу нақлиёт, ба ҳолати хуб овардани роҳҳои нақлиётии кӯҳан ва дигар масъалаҳои ба сохтмони роҳҳои нақлиётӣ вобаста буд.

Боби дуюми диссертатсия «**Модернизатсияи хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 50-70 - уми асри XX»** ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар бораи рушди босуръати сохтмону таъмири роҳҳо дар солҳои 50-уми асри бист ва боз ҳам беҳтар намудани вазъи кори хоҷагиҳои роҳҳо ва таъмиру сохтмони роҳҳои навбунёд дар нимаи дуюми солҳои шастум ва солҳои ҳафтодуми асри бист маълумот медиҳад.

Дар зербоби якуми боби дуюм, ки **«Тараққии интенсивии роҳсозӣ ва нақлиёт дар солҳои 1950 – 1964»** унвон дорад, пеш аз ҳама вазъи босуръати сохтмону таъмири роҳҳо ва нақлиёт дар минтақа мавриди таҳқиқот қарор мегирад.

Солҳои 1951-1955 сохтмони роҳҳои нақлиётии мумфарш, нисбат ба солҳои 1946-1950 50% бисёртар ба нақша гирифта шуда буд. Дар ин муддат 3451 км роҳҳои автомобилӣ таҷдид ва таъмири асосӣ карда шуданд, ки аз онҳо 690 км роҳҳои хокиро бо маводи сахт пӯшониданд, аз ҷумла 553 км бо нафти вазнин коркард карда шуд. Бо қувваи колхозчиён 139 км роҳҳо дар деҳа сохта шуд. Бо сохтмони роҳҳо сохтмони пулҳои калон дар болои дарёҳои калон ва каналҳои обёрии магистралӣ васеъ шуд. Ибтидо аз солҳои 1956-1960 яке аз намудҳои асосии нақлиёти боркашонӣ дар колхозу совхозҳо намуди асосии нақлиёт ҳисобида мешуд. Дар мақомоти маҳаллии роҳ техника намерасид, аз ҷониби мутахассисон таъмин карда намешуданд.

Доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос иброз намудааст, ки дар ибтидои солҳои 60-уми асри XX ташкили трест ба афзоиши механизатсияи корҳои роҳ, рушди усулҳои пудратии сохтмон мусоидат кард ва талаб мекард, ки маблағҳои пулӣ аз ташкилотҳои гуногун зиёд карда

шаванд. Соли 1962 «Тоҷикдорстройтрест» бо барномаи 5,5 млн. рубл ба сохтмони роҳи Қизилқалъа-Шаҳритӯс шурӯъ кард. Ба беҳтар шудани вазъи роҳҳои маҳаллӣ қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 8 феврали соли 1964, №51 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани ҳолати техникии роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ» мусоидат кард.

Дар зербоби дуюми боби дуюми дисертатсия масъалаи **«Беҳтар намудани фаъолияти хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 1965-1979»** баррасӣ гардидааст. Яке аз масъалаҳои мубрами таърихшиносӣ таърихи  рушди муассисаҳои роҳсозӣ ва сохтмону таъмири рооҳои минтақаи Қӯрғонтеппа дар нимаи дуюми солҳои шастум ва солҳои ҳафтодуми асри XX мебошад.

Дар рисола қайд шудааст, ки аз соли 1965 инҷониб кори истифодабарии роҳро Раёсатҳои истифодабарии роҳҳои иттифоқӣ, ҷумҳуриявӣ ва роҳҳои маҳаллӣ пеш мебаранд. Раёсатҳои хаттӣ-истифодабарӣ 16 минтақаи роҳсозӣ-истифодабариро муттаҳид намуда буд, ки дар ҳайати онҳо 28 нуқтаи таъмиркунӣ доранд. Онҳо инчунин ба 37 минтақаҳои роҳсозӣ, истифодабарии назди комиҷроияҳои шуроҳои ноҳиявӣ аз ҷиҳати техникӣ роҳбарӣ мекунанд. Раёсат ба таъмин намудани ҳаракати мӯътадили автомошинаҳо, тоза нигоҳ доштани роҳҳо, гузарондани таъмири асосӣ шароит муҳайё мекунад. Дар зарфи солҳои 1971-1975, 5510 км минтақаҳои нави роҳҳои автомобилгарди мумфарш ва бетонфарш ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, роҳи байни Чормағзак - Норак 10 км кӯтоҳ ва аз минтақаҳо рост карда шудаанд. Ин имконият дод, ки ба НБО-и Норак борҳои ғайригабаритии 100-300-тоннагӣ бе монеа кашонда шаванд. Соли 1972 автомобилҳо бо минтақаи нави роҳ ба водии Вахш рафтуомадро сар карданд. Қариб 30 км масофаи роҳи Душанбе-Қӯрғонтеппа аз нав сохта, бо асфалту бетон рӯйкаш карда шуд. Шабакаи роҳҳои Тоҷикистон ба қадри кофӣ васеъ гардида, пойтахти ҷумҳуриро бо тамоми шаҳру ноҳияҳо ва

маҳалҳои калони аҳолинишин, бо маркази колхозу совхозҳо пайваст кардаанд.

Дар рисола оварда шудааст, ки дар охири солҳои 70-уми қарни XX дар Тоҷикистон 13500 км роҳҳои мумфарш мавҷуд буд. Суръати баланди афзоиши роҳҳои автомобилгарди рӯпӯши сахт то 8,5 ҳазор км ва то соли 1980 то 9 ҳазор км пешбинӣ карда шуд.

Боби сеюми диссертатсия «**Аҳаммияти таърихии сохтмони роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон**» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм масъалаҳои «**Механиконидани хоҷагӣ ва вусъат додани алоқаи роҳ дар солҳои 1980 – 1990**»- ро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Дар рисола қайд гардидааст, ки дар солҳои таҳқиқот дар вилояти Қӯрғонтеппа ба сохтмони роҳҳо асосан аз солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ шурӯъ карда шуд. Роҳсозӣ дар шароити кӯҳии минтақа хеле душвор буда, солҳои аввал қариб нисфи маблағҳои барои хоҷагии халқ ҷудо кардашуда ба он сарф карда мешуд (соли 1982, ҳамагӣ 10%).

Инкишофи ёфтани сохтмону таъмири роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа боиси он гардид, ки вазъи иқтисодии минтақа боло рафта, зисту зиндагонии аҳолӣ беҳтару хубтар гардад. Албатта ин аз шароити табиӣ ва иқлими маҳаллӣ вобастагии калон дошт. Яке аз хусусиятҳои нақлиётии Тоҷикистон, ки пеш аз ҳама барои ноҳияҳои баландкӯҳҳои он хос аст, инчунин дар муддати тулонӣ якҷоя кардани воситаҳои муосири нақлиёт (тайёра, автомобил) бо воситаҳои хеле қафомонда (боркаш, асп ва ғайра) буд.

Рушди сохтмону таъмири роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа боиси он гардид, ки вазъи иқтисодии минтақа боло рафта, зисту зиндагонии аҳолӣ беҳтару хубтар гардад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи «**Аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии азнавсозии роҳҳои нав дар минтақа**» баррасӣ гардидааст. Дар он

оварда мешавад, ки вазъи иҷтимоиву иқтисодии сохтмони роҳҳои нав дар минтақа аҳаммияти калон дошт.

Дар рисола иброз гардидааст, ки сифати сохтмон, таъмир ва нигоҳубини роҳҳо беҳтар гардида, ба баланд шудани дараҷаи бехатарии ҳаракат мусоидат кардааст. Роҳҳои автомобилгард асосии ҳаракати нақлиёти ҷумҳурӣ мебошанд, зеро дар Тоҷикистон ба сабаби шароити кӯҳсор васеъ кардани шабакаи роҳҳои оҳан душвор буд. Ҳоло то 90 фоизи бори хоҷагии халқ ва мусофирон ба воситаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум кашонда мешаванд. Масофаи умумии онҳо зиёда аз дувоздаҳ ҳазор километрро ташкил медиҳад. Дар кор омадааст, ки рушди соҳаи кишоварзӣ, азхудкунии заминҳои навкорам, зиёд гардидани истеҳсоли пахта, сохтмону васеъ намудани корхонаҳои ҳудудию истеҳсолии ҷануби ҷумҳурӣ равуои нақлиётро боз ҳам зиёд мегардонад.

Муаллиф ба хулоса омадааст, ки коркунони нақлиёт дар соли сеюми (с.1983) панҷсолаи даҳум (с.1981-1985), натиҷаҳои хуби истеҳсолӣ ба даст оварданд. Аз он ҷумла, автобазаҳои №21-и ш. Қӯрғонтеппа ва №7-и Душанбе ва коллективҳои дигари пешқадам аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Нақшаи солонаи кашондани бори хоҷагии халқ умуман дар сатҳи вазорат 102,6 фоиз иҷро гардид.

Таҳлили раванди таърихи сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон намуд, дар ҷодаи инкишофи соҳаи роҳсозӣ ва таъмири онҳо як зумра муаммоҳо низ вуҷуд доштанд. Аммо ба ин нигоҳ накарда сохтмони роҳҳои нақлиётгард дар минтақаи Қӯрғонтеппа мунтазам ба пешравиҳо ноил гардид.

**Баробари** муваффақиятҳои дар боло зикргардида, як зумра нуқсонҳо низ ба назар расидаанд, ки дар ҳолати ислоҳи онҳо ҳангоми чопи рисола ба ҳайси монография сифат ва мазмуни кори илмии Л.Ш. Қосимзодаро беҳтар менамуд:

1. Дар рисола ва фишурдаи он хизмати муттахассисони муҳандисӣ-техникӣ ва коргарони фаъоли соҳа ба тариқи инфиродӣ кам ба назар мерасад. Масалан, дар лоиҳакаши корҳои роҳсозӣ, купруксозӣ ва дигар иншоотҳои хизматрасонии хоҷагии роҳсозӣ муҳандисии баландсавияи Шуравӣ ширкат намуданд.
2. Услуби илмии забони тоҷикии рисола беҳбудиро талаб менамояд. Мафҳумҳои "Аҳаммияту муҳимият" ҳаммаъно буда, бояд яке аз онҳо истифода бурда шавад. Муаллиф метавонад иброз намояд, ки ин мафҳумҳо қабул шудаанд ва метавонанд истифода бурда шаванд.
3. Номи Карамов Вагаршак Джовадович дар Тоҷикистон хеле маълум аст, яке аз кӯчаҳои шаҳри Душанбе ба хотираи ин шахс номгузорӣ шудааст. Дар рушду нумуи роҳҳои автомобгарди ҷумҳурӣ хизматҳои шоён намудааст. Хуб мешуд, фаъолияти ин шахс ва саҳми ӯ дар рушди хоҷагии роҳсозии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа дар рисола васеътар дарҷ мегардид.
4. Унвони рисола аз мафҳуми "барқароршавӣ" оғоз гардидааст. Савол ба миён меояд, ки то соли 1924 "хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа" вуҷуд дошт?
5. Дар рисола ва фишурдаи он нуқсонҳои техникӣ низ ба назар мерасад.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқ мустақилона ба даст оварда шуда, кори илмӣ дорои навгониҳои назаррас буда, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф асоснок ва боэътимод мебошанд. Пеш аз ҳама, сохтори диссертатсия бо меъёрҳои илмӣ мутобиқ мебошад. Муаллиф ба талаботи иқтибос ва истинодҳои илмӣ низ риоя намудааст. Ҳар як далел бо такя ба сарчашмаҳо асоснок гардида, рӯйхати адабиёт манбаъҳои гуногун, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, таҳқиқоти муҳаққиқони маъруф ва мақолаҳои илмиро дар бар мегирад.

Автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои асосии таҳқиқотро дуруст инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих – (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих - (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Акрамов З.И.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, ДМТ.
Тел: (+992) 755 49 03 03

Имзои Акрамов Зикриё Иномовичро
Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

22.06.2026.